*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзӯи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҳамзамон, ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд.Густариши муносибатҳои пулию қарзӣ, ки барои марҳилаи муосири рушди ҷамъиятӣ хос аст, ба таҳкими фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва таҳкими муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидор асос ёфтааст. Низоми бонкӣ сохтори марказонидашудаи бахши институтҳои молиявӣ буда, ба ҷаъмкунӣ, тақсим ва азнавтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Вобаста ба ин, механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳо дар сатҳи ҷомеа ташкили дурусти муомилоти пулиро дар байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконоти мавҷуда ташкил менамояд ва тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад.

Бинобар ин унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ чунин такид намудааст, ки рушди муносибатҳои пулию қарзӣ ва тавсеаи доираи маҳсулоти пешниҳодшудаи бонкӣ дар рушди иқтисоди миллӣ марҳилаи муҳим баҳисоб рафта, маҳз муносибатҳои пулию қарзӣ яке аз унсурҳои иқтисоди бозорӣ эътимоди байни аҳолӣ, давлат ва муассисаҳои молиявиро ба вуҷуд меоранд. Аҳолӣ дар системаи ин муносибатҳо тарафест, ки сармояи низоми бонкиро аз ҳисоби пасандозҳои шахсони хусусӣ ташкил медиҳад. Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои карзӣ ҳамчун институтҳои миёнарав дар ташкили муносибат байни харидору фурӯшанда ва истеҳсолкунандаю истеъмокунанда иштирок намуда, бо ин роҳ даромади худро таъмин ва талаботи мизоҷони худро вобаста ба шаклҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ қонеъ мегардонанд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи фаъолияти миёнаравӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ то як андоза маҳдудиятҳои норасоии захираҳои пулиро дар дигар субъектҳо бартараф месозанд.

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза мавзуи интихоб гардида бо назардошти талаботҳои замони муосир аз якчанд нуктаи назар заруриви ва актуалӣ мебошад. Ҳамзамон дар таҳия,

татбиқ ва коркардҳои анҷомгардида дида мешаваду, автореферати диссертатсия моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро бо назардошти таҳлили нишондиҳандаҳои муҳими бонкӣ пурра инъикос намудааст.

Дар шароити имрӯза мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ дорои муҳимияти илмӣ буда, дар он пайдарпайии натиҷаҳои таҳкикот риоя гардидааст. Таҳлилҳои нуктаи назари олимон оид ба мавзуъ ба талабот ҷавобгӯ буда моҳияти илмиро инъикос менамояд. Ҳамчунин дар автореферати мазкур як қатор таҳлилҳои дар шакли накша ва ҷадвалҳо аз тарафи муаллиф роҳандозӣ гардидааст, ки мукаммалии ҷараёни таҳқиқи илмиро нишон медиҳад.

Ҳамчунин дар шароити имрӯза таҳлилу пешниҳодҳои анҷомгардида дар масъалаҳои актуалии хизматрасониҳои карзии низоми бонкӣ зарур мебошад.

Бо назардошти муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо мавҷуд аст, ки ба инобат гирифтани онҳо ба арзишмандии таҳқиқотҳои ояндаи муаллифи он таъсири мусбӣ мерасонанд:

1.Дар автореферат вобаста ба мушкилотҳои имрӯзаи низоми бонкӣ ва нигаҳдории устувории он дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд.

2.Таъмини устувории суботи бонкӣ ва низоми бонки дар алоҳидагӣ бояд таҳқиқ менамуд.

Камбудиҳои мазкур ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ намерасонанд, зеро натиҷаҳои илмӣ ва навгониҳои бадастомада аз аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Аз баррасии автореферат бармеояд, ки диссертатсияи номзадии Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзӯи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарриз**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**мудири кафедраи менеҷмент**
**ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Наимов Б.Қ.**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, Б.Қ. Наимовро тасдиқ менамоям:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

**Нишони: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"**
**Тел: (832 22) 2-45-20;2-22-53**
**E-mail:ktsu78@mail.ru**